**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи Моёншо Назаршоев
д.и.с., профессор Комилбек Амид Ёрбек
________________________
«17» сентябри соли 2025

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ БА НОМИ МОЁНШО НАЗАРШОЕВ

Диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ба анҷом расидааст.

Ёрбекова Заррина Мардонқуловна соли 2011 Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро аз рӯйи ихтисоси забоншинос, муаллими забони англисӣ ва олмонӣ хатм карда, аз соли 2014 то 2025 ба ҳайси ассистент ва аз соли 2025 то инҷониб ҳамчун муаллими калони кафедраи филологияи англис кору фаъолият карда истодааст. Аз соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи филологияи англиси муассисаи мазкур ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Шозиёева Гулмо Парвонашоевна – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев аз 25.01.2023, қарори № 25 тасдиқ гардидааст.

Ёрбекова Заррина Мардонқуловна имтиҳонҳои минимуми

номзадиро аз фанҳои «Таърих ва фалсафаи илм» бо баҳои «хуб», аз 01.03.2025, «Забони хориҷӣ (англисӣ)» бо баҳои «аъло», аз 03.06.2025 ва «Таърихи адабиёти тоҷик, робитаи адабӣ (аз рӯйи ихтисоси 6.2.15)»-ро бо баҳои «аъло», аз 10.10.2025 супоридааст, ки бо шаҳодатномаи № 2 аз 12.11.2025 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб (бо фарогирии чанд фасл ва зерфаслҳо), хулоса, рӯйхати адабиёт, феҳристи интишороти мақолаҳои илмӣ ва замима иборат аст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Дар замони Истиқлол таваҷҷуҳ ба робитаи адабӣ ҳамчун самти ҷудогонаи илми адабиётшиносӣ ба таври назаррас афзудааст. Дар заминаи мазкур муҳаққиқон ва адабиётшиносон таҳлили муқоисавӣ-таърихии намояндагони адабиёти ҷаҳонро меҳвари худ қарор дода, боиси ба даст овардани умумият ва муштаракоти зиёди адабӣ мегарданд. Воқеан, Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир аз зумраи чунин адибони оламшумули ҷаҳон мебошанд, ки бо осори арзишманди худ дар майдони таҳлилу таҳқиқи вижа қарор доранд. Вижагии пажуҳиши мазкур дар таҳлили амиқи ғояҳои башарӣ ифода меёбад. Ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир бо вуҷуди ҳаҷму теъдоди зиёди худ, инчунин дорои мазмун ва моҳияти хос мебошанд. Ҳамгунӣ ва муштаракоти осори арзишманди Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир, ки ҳар ду шоир дар давраи Эҳё зиндагӣ ва эҷод намуданд, бо вуҷуди доштани хусусиятҳои хоси шарқию ғарбӣ дар баъзе масоили ахлоқию маънавӣ ва адабӣ андешаҳои муштарак доранд.

Ёрбекова Заррина Мардонқуловна бо нигоҳи тоза ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспирро мавриди пажуҳиш қарор дода, ба масъалаҳои муҳим, аз ҷумла сохтор, мазмун ва дарунмояи онҳо пардохтааст.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалахои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити

адабӣ нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солхои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Ҳангоми пажуҳиши мавзуъ ва масъалахои гуногуни адабиётшиносии тоҷик, адабиётшиносии ҷаҳонӣ ва равобити адабӣ метавон ба маводди диссертатсия такя кард.

Муаллифи диссертатсия таҳлили амиқ ва муфассали муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспирро **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

- таҳқиқи равобити илмӣ, адабӣ ва фарҳангии Шарқу Ғарб дар асрҳои миёна;
- таъйини ҷойгоҳи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир дар адабиёти ҷаҳон ва тамаддуни башарӣ;
- зарурати омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир дар Тоҷикистони соҳибистиқлол;
- таҳқиқи таъсири ашъори Ҳофизи Шерозӣ ва андешаҳои ӯ дар эҷодиёти Вилям Шекспир;
- таҳқиқ ва таъйини сифати тарҷумаи ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир;
- пажуҳиши ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир бо усули таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ;
- муайян намудани муштаракоти шаклӣ ва мазоминии ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир;
- таҳлили муқоисавии мавзуъҳои ишқӣ-лирикии ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир;

- таҳлили муқоисавии хусусиятҳои ғоявӣ, мавзуӣ ва бадеии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир;
- муайян намудани *ҳофизшиносӣ* ва *шекспиршиносӣ* ҳамчун самти ҷудогонаи адабиётшиносии муосир ва дурнамои рушди онҳо.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои** таҳқиқ “Девон”-и Ҳофизи Шерозӣ ва “Сонетҳо”-и Вилям Шекспир, ки ба забонҳои аслӣ, яъне забонҳои тоҷикиву англисӣ таълиф шудаанд, интихоб карда шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмии адабиётшиносону шарқшиносони ватанию хориҷӣ ва осори пажуҳишии марбут ба шинохти ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир самаранок истифода намудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро бештар таҳқиқот роҷеъ ба ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир дар бар мегиранд. Дар қисмати назариявии рисола корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишмандони рус, чун Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, М. Морозов ва дигарон истифода шудаанд. Ҳамчунин, дар таҳқиқи мавзуи мазкур мо корҳои илмии адабиётшиносони тоҷик, ба мисли А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, М. Шакурӣ, С. Саъдиев, Х. Мирзозода, Х. Шарифов, В. Самад, А. Сатторзода, Ҷ. Бобокалонова, Н. Нурҷонов, М. Муллоаҳмад, А. Абдусатторов, М. Зайниддинов, Ш. Исрофилниё, М. Раҳимова, Г. Шозиёева ва дигарон ва дигарон ташкил додаанд.

Барои муқоиса намудани ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир аз маводди тарҷумонӣ ва таҳқиқии муҳаққиқон ва тарҷумонҳои англис, ба мисли Вилям Ҷонс (William Jones), Эдвард Палмер (Edward H. Palmer), Ҳерман Бикнелл (Herman Bicknell), Ҷастин МакКарти (Justin McCarthy), Ҳенри Вайбелфорс (Henry Wilberforce-Clarke), Ричард Галлин (Richard Gallienne), Ҷон Пайн (John Payne), Ричард Бертон (Richard Burton) ва дигарон истифода намудем.

Ҳамчунин, дар рафти пажуҳиши мавзуи мазкур мо аз таҳлилҳои муқоисавӣ-таърихӣ истифода намудем.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мушаххасоти таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир дар асоси вижагиҳои умумии сохторӣ, ғоявӣ ва адабӣ муайян карда шудаанд.

Илова ба ин, дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир бо усули *таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ* ба таври монографӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Бори нахуст ҳамгунии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир аз назари шаклу маънӣ ва вижагиҳои ғоявию услубӣ муайян карда шудаанд.

Муаллифи рисола ҳамчунин дар баробари масъалаҳои назариявӣ ва амалии адабиётшиносӣ, бахусус, равобити адабӣ ба мазмуну муҳтаво нақшу мақоми симоҳои шарқиёна ва ғарбиёна, ки арзишҳои маънавиашонро пос медоштанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Дар робита бо **арзиши назарӣ ва амалии** таҳқиқ метавон гуфт, ки он дидгоҳи тозаеро ба адабиётшиносии муосир, хусусан, равобити адабӣ боз мекунад. Усулу равишҳои таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир, ки дар диссертатсия баррасӣ шудааст, дар таҳқиқи равобити адабӣ ва таҳлилии муҳаққиқони соҳа судманд хоҳад буд. Меъёрҳои барои таҳлили ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир ҳамчун намунаи таҳлили илмии корбурдӣ аҳаммияти худро дар даврони муосир гум нахоҳад кард.

Меъёрҳое, ки дар рисола барои шинохти вижагиҳои таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ истифода шудаанд, барои маърифати комили на танҳо осори Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир, балки осори дигар намояндагони адабиёти ҷаҳон низ кӯмак карда метавонад.

Маводди диссертатсия ва хулосаҳои онро барои навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ доир ба паҳлуҳои

омӯхтанашудаи равобити адабӣ, махсусан, таҳлили ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир, таҳқиқи равишҳои таълиф ва таъйини арзишҳои ҳунарию адабии осори нависандагони алоҳида метавон мавриди истифода қарор дод.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 8 мақолаи муаллиф инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисос мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд.

**1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Ёрбекова, З.М. Сотим Улугзода и Уильям Шекспир (переводческий вклад) [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2023. – № 4 (105). – С. 127-135 (бо ҳаммуаллифӣ).

[2-М]. Ёрбекова, З.М. Масъалаҳои таърихӣ-муқоисавии осори Ҳофиз ва Шекспир [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2023. – № 4 (106). – С. 117-120.

[3–М]. Ёрбекова, З.М. Ҳофиз ва Шекспир [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев. Бахши илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Хоруғ, 2023. – №2(26). – С. 3-7.

[4-М]. Ёрбекова, З.М. Муштаракоти ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва соннетҳои Вилям Шекспир [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2025. – № 2. – С. 216-221.

[5–М]. Ёрбекова, З.М. Тавсифи ишқ аз нигоҳи Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2026. – № 3 (122). – С. 206-211.

[6–М]. Ёрбекова, З.М. Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир – ғазалсароёни ҷаҳон [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи Хоруғ (бахши илмҳои гуманитарӣ). – Хоруғ, 2026. – №1 (05). – С. 49-56.

**2. Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

[7–М]. Ёрбекова, З.М. Адабиёти татбиқӣ ва нақши тарҷумаи бадеӣ дар он (дар заминаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир) [Матн] / З.М. Ёрбекова // Маҷмуи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Авлавияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар дар низоми хизмати давлатӣ: таҳкими салоҳияти рақамӣ». Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 24 апрели соли 2026. – С. 312-336.

[8–М]. Ёрбекова, З.М. Ҷойгоҳи тарҷумаи бадеӣ дар шароити бисёрфарҳангӣ (дар заминаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир) [Матн] / З.М. Ёрбекова // Маҷмуи маводди Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами Филологияи Шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ». Донишгоҳи давлатии байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 30 апрели соли 2026. – С. 280-288.

**Натиҷахои таҳқиқро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигари илм, аз ҷумла таърих, фалсафа, равобити адабӣ, назарияи адабиёт, накди адабй, таърихи адабиёт, услубшиносӣ ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Диссертант бори нахуст масъалаҳои таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспирро мавриди таҳқиқ қарор дода, нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои назариро ба шакли мақолаҳои илмӣ интишор намудааст. Ҳамчунин, саҳми шахсии довталаб дар баррасии мавзуъ, масъалаҳои меҳварӣ ва коркарди натиҷаҳои таҳқиқи амалӣ зоҳир мегардад.

Кафедраи филологияи англис муштарак бо кафедраи адабиёт ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловнаро дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи филологияи англис муштарак бо кафедраи адабиёт ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 2 аз 12 сентябри соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи адабиёт ва журналистика Шосафоева С.Ш.

муаллими калон,
мудири кафедраи филологияи англис Бобова Д.Б.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ Броимшоева М.Қ.

Имзои Шосафоева С.Ш. ва Бобова Д.Б.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Саидрахмонов Н.С.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
736600, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур 109,
Телефон: (+992) 501 33 47 25

«15» сентябри соли 2025